**Қарори**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 25 августи соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 таҳқиқоти диссертатсионии Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Сафарзода Ҳ.С.) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода Убайдулло Абдулло, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қудратов Некрӯз Абдунабиевич, баромади аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Маҷидзода Ҷ.З., Сафарзода А.И., Шарипов Т.Ш., муқарризи ғайрирасмӣ Искандаров З.Ҳ., Шарифзода Ф.Р. шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**Қарор мекунад:**

**1.** Диссертатсияи Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дар мавзӯи «Проблемаҳои мукаммалсозии қонунгузорӣ ва квалификатсияи ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи

намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Интишороти адъюнкт пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**3.** Ба Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмад дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

**4.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ҳайдарзода Мурод Пирмаҳмадро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**